Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

№10(222)
31 октябри соли 2024

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бузургӣ ва аҳамияти ин санади муҳими таърихӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки он бори нахуст аз ҷониби худи халқ ва барои халқ бо рӯҳи ифодаи озодонаи майлу иродаи шаҳрвандони мамлакат қабул карда шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

# Ҳадафҳои истиқбол аз 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон... (мухтасар)

*Конститутсия ба сифати қонуни олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъияти мухталифро таҳти танзим қарор дода, асосҳои ҳуқуқии рушду такомули минбаъдаи чунин муносибатҳоро фароҳам меорад.*

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус иброз гардид, ки «Соли 2024 сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Конститутсияи ҶТ) таҷлил мегардад. Бинобар ин, пешниҳод намуданд, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳими таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад». Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд, фармони Президенти ҶТ «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 қабул гардид.

Аз қабули Конститутсияи ҶТ се даҳсола, яъне 30 сол сипарӣ мегардад. Ҳадафҳои истиқбол аз 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ба андешаи мо аз инҳо иборат аст:

1) пеш аз ҳама бояд иброз намуд, ки яке аз ҳадафи асосии истиқбол аз 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ дар он зоҳир меёбад, ки Конститутсия қонуни асосии давлат маҳсуб мегардад. Яъне, Конститутсия санади дорои қувваи олии ҳуқуқӣ буда, дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад ва тамоми қонунҳо аз меъёрҳои Конститутсия сарчашма гирифта, ҷиҳати иҷро ва таъмини он равона гардидаанд. Ин ҳолатҳо гувоҳи он аст, ки моро мебояд 30 соли амали ин санади олии ҳуқуқиро натиҷагирӣ намуда, таъсири онро ба ҳаёти ҷомеа ва рушди минбаъдаи онро муайян намоем;

2) муҳимияти таҷлил аз 30-солагии қабули ин ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ дар он аст, ки Конститутсияи ҶТ на танҳо як санади ҳуқуқӣ, балки барои миллати тоҷик як ҳуҷҷати арзишманди сиёсӣ-таърихӣ аст, ки рӯҳи қонунии миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз нобудӣ эмин нигоҳ доштанро муқаррар намуд. Маҳз Конститутсияи ҶТ дар ҳаёти ҷомеа сулҳу субот, қонуният, низоми давлатдорӣ ва қонунгузориро




пойдор намуд, ки аз ин дидгоҳ мебояд ин санаи фархундаро бо тантана таҷлил кард;

3) дигар махсусияти муҳими таҷлили ин санаи фархунда дар он аст, ки қабули Конститутсия бо азму иродаи шаҳрвандон сурат гирифтааст. Боиси қайд аст, ки метавон солгарди дилхоҳ санади меъёрии ҳуқуқиро қайд намуд, аммо махсусияти таҷлили 30 соли қабули Конститутсияи ҶТ ин аҳаммияти муҳими миллӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дорад, чунки ягона санад дар кишвар аст, ки танҳо бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст ва азму иродаи мардумро ифода менамояд;

4) Конститутсия ин қонун оид ба вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, таъсиси давлат, низоми фаъолияти мақомоти он, тартиби ташкил ва татбиқи салоҳияти онҳо ва омили муайянкунандаи равобити мутақобилаи байни мақомоти давлатӣ мебошад. Яъне, Конститутсия ифодакунанда ва заминаи асосии танзими комплексии муносибатҳо оид ба рушду инкишофи самтҳои мухталифи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад.

Одиназода Шоҳрух Хисрав,
корманди Маркази миллии қонунгузории
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Аз таърихи Конститутсияҳои Тоҷикистон

***Конститутсияи ҶТ ҳамчун қонуни асосии кишвар масъалаҳои ҳаётан муҳимро танзим намуда, хислати демократӣ дошта, адолату баробарӣ ва озодӣ дар он нуҳуфтааст. Агар Конститутсияи ИМА куҳантарин Конститутсия бошад, Конститутсияи Мексика Конститутсияи абадӣ эълон шуда бошад, Конститутсияи Ҳиндустон калонтарин Конститутсия дар ҷаҳон аз рӯйи ҳаҷм бошад, Конститутсияи ҶТ ин Конститутсияи кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодии инсон аст.***

Пайдоиш ва инкишофи конститутсияҳои Тоҷикистон ба таъсис ва ташаккули якумин давлати миллии Тоҷикистон алоқаманд аст. Анҷумани дуюми Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон 28 апрели соли 1929 аввалин Конститутсияро қабул кард. Он мувофиқи конститутсияҳои Иттиҳоди Шуравӣ (соли 1924) ва ҶШС Ӯзбекистон (1927) таҳия шуда буд.

Анҷумани чоруми Шӯроҳои Тоҷикистон 25 феврали соли 1931 Конститутсияи аввалини Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро қабул кард, ки он ба Конститутсияи соли 1924-и Иттиҳоди Шуравӣ мувофиқат дошт.

Конститутсияи дигар 1 марти соли 1937 аз тарафи анҷумани шашуми фавқулодаи Шӯроҳои ҷумҳурӣ қабул гардид, ки моҳиятан бо Конститутсияи иттифоқии соли 1936 мувофиқ буд. Ин конститутсия 41 сол амал намуда, дар ин муҳлат ба он хеле зиёд тағйиру иловаҳо ворид гардид.

Конститсияи чоруми Тоҷикистон, ки соли 1978 қабул гашт, мувофиқ ба конститутсияи собиқ шуравӣ буд ва он 16 сол амал намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Конститутсияи нави худро бори аввал тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намуд. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба 6 ноябри соли 1994 рост омад, аз дебоча, 10 боб ва 100 модда иборат аст. Дар он хусусиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ муқаррар карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба дигаргуниҳо ва ба миён омадани талаботи нави замон се маротиба-солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, ки ба рушду тараққиёти кишвар мусоидат намуданд.

“Ҳифзи Ватан ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст”
*моддаи 43 Конститутсияи ҶТ*

# Вазифаи муқаддаси шаҳрванд

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни ҳаҷдаҳ расидаанд, бо амри дилу виҷдон хизмати ҳарбиро интихоб менамоянд. Онҳоро ба ин роҳи пуршараф эҳсоси баланди ватандорӣ, худшиносиву ифтихори миллӣ водор мекунад.

Соли равон маъракаи даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муташаккилона оғоз гардид ва то 28 октябри соли равон нақшаи даъват дар ҷумҳурӣ 95 фоиз иҷро шуд. Ҳанӯз моҳи октябр ба охир норасида, аксарият шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз иҷрои нақшаи даъват гузориш додаанд. Албатта, омилу сабабҳои ба ин ҷорабинии муҳими сиёсӣ таъсиррасон зиёданд. Пеш аз ҳама шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маърифати баланд дарк мекунанд, ки ҳифзу ҳимояи ватан яке аз вазифаҳои асосии онҳо мебошад. Ин нукта дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Аз тарафи дигар тағйиру иловаҳое, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти барои таълиму тарбияи кӯдак” ворид карда шудаанд ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ҳаёти шаҳрвандони ҷумҳурӣ мавқеи устувор пайдо намудаанд. Сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аҳли ҷомеа барои



# Вазифаи муқаддаси шаҳрванд



татбиқи сиёсати давлат дар самти волояти қонун ва таҳкими маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон саъю кӯшиш мекунанд.

Дар ин робита, дар мавсими даъвати тирамоҳи соли 2024 сафҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал аз ҳисоби ҷавонони ихтиёрӣ, ватандӯст, соҳибмаърифату худшинос пурра гардид. Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ, ки ба қабулу тайёр намудани наваскарон машғул аст, бемушкилӣ ҳайати бисёрнафараро ҷобаҷо намуда, ба машқу машғулиятҳои таълимӣ фаро гирифт.

## Савганди ҳарбӣ

26 октябри соли 2024 зиёда аз 300 нафар наваскарон дар майдони сафороии қисми ҳарбии 051055 барои садоқат ба Президент, ба Ватан ва халқи бузурги тоҷик савганд ёд карданд.

Ёдкардани савганди ҳарбӣ барои ҳар як ҷавонмард аввалин санҷиши мустаҳкамии иродаву устувории имон аст. Зеро ҷавонмард ба арзишҳои муқаддас, ки баёнгари шарафу номуси ӯ мебошад, савганд ёд мекунад.

Албатта, боиси ифтихори мо ва волидон аст, ки чунин фарзандон -сарбозони бошараф, боинтизом, далер ва хушёр имрӯз марзҳои Тоҷикистони маҳбубро содиқона, мардонавор ва моҳирона мудофиа мекунанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизмати шоистаи онҳо шароитҳои мусоид фароҳам овардааст, ки ҷисму рӯҳи хешро обутоб дода, маҳорату ҳунари ҳарбӣ омӯзанд. Барои ҳимояи Модар-Ватан ва Истиқлолияту таъмини амнияти ҳаёти осоиштаи миллат ҳамеша омода бошанд. Дар Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ маҳз чунин ҷавонон, ки тӯли як моҳ барномаи мукаммали ҳарбиро аз худ намуданд, барои хизмати содиқона ба Президент ва халқу Ватан савганд ёд карданд. Дар ин ҷамъомади тантанавӣ ҳайати роҳбарикунандаи Гвардияи миллӣ, падару модарон ва дигар наздикони наваскарон иштирок доштанд. Аз қадамҳои устувор ва нутқи бурроИ хизматчиёни ҳарбӣ садоқату самимияти эшон дида мешуд. Дар ҷамъомади тантанавӣ Сардори Сарситод-муовини аввали Фармондеҳи Гвардияи миллӣ генерал-майори гвардия Баҳриддин Азаматзода иштирок ва суханронӣ намуд. Ҳамчунин, наваскаронро ба ин рӯзи фаромӯшнашаванда ҳайати фармондеҳии гвардия, волидону хешовандон муборакбод намуда, барояшон дар идомаи хизмат комёбӣ ва сарбаландӣ таманно карданд. Дар навбати худ сарбозон изҳори сипос намуда, таассуроташонро аз як моҳи таълим дар марказ, эҳсоси ватандорӣ ва рисолати ҷавонмардии хеш баён доштанд. Падару модарон ҳам дар ин радиф ифтихору қаноатмандии худро аз амали ҷавонмардонаи фарзандон иброз намуданд.

Баъд аз қабули Савгади ҳарбӣ наваскарон суруди ифтихории Гвардияи миллиро дар якҷоягӣ бо оркестри ҳарбӣ суруданд. Зери навоҳои мутантани оркестри ҳарбӣ ҳайати наваскарон аз назди минбари ифтихории Гвардияи миллӣ қадам зада, гузашти низомӣ анҷом доданд.

## Гусели хизматчиёни ҳарбӣ

Дар баробари ба майдон ворид намудани Байрақи ҷангии Гвардияи миллӣ ҷорабинии тантанавӣ оғоз гардид. Дар ҷорабинии тантанавӣ ба муносибати ба эҳтиёти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гусел намудани хизматчиёни ҳарбӣ ҳайати фармондеҳӣ, командирони қисмҳои ҳарбии 051052, 051054, 051055 ва 051064 иштирок доштанд.

Дар аввал Сардори Сарситод-муовини аввали Фармондеҳи Гвардияи миллӣ хизматчиёни ҳарбиро барои сарбаландона ба итмом расонидани хизмати ҳарбӣ, садоқат ба Модар-Ватан табрик намуда, ба эшон нигоҳ доштану идома додани анъанаҳои ҷавонмардиро тавсия карданд. Ба ҷавонони комил ва қодири ҳифзу ҳимояи Ватан саломатӣ ва дар зиндагӣ комёбиҳои беназир таманно намуданд. Сипас ҳайати шахсии ба эҳтиёт рухсатшуда бо Байрақи ҷангии Гвардияи миллӣ, ки ҳамеша фахри онҳо буд, хайрбод гуфтанд.

200 нафар сарбозону сержантон дар ҳузури ҳайати роҳбарикунанда, бори дигар пеши Парчам сари таъзим оварда, савганд ёд карданд, ки ба Президент, ба Ватан содиқ мемонанд.

Дар анҷоми ҷорабинии тантанавӣ сарбозону сержантон дар ҳайати қисмҳои ҳарбӣ, бо роҳбарии командирони қисмҳои ҳарбӣ гузашти низомӣ анҷом доданд.

Полковники гвардия
Ҳайринисо Комилзода



# Маърифати ҳуқуқӣ - омили таъмини волоияти қонун

Бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» миёни хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ озмуни «маърифати ҳуқуқӣ -омили таъмини волоияти қонун» баргузор гардид. Озмуни мазкур бо ташаббуси Раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ва шуъбаи ҳуқуқи раёсати корҳои фармондеҳӣ доир карда шуд.

Тибқи талаботи низомномаи озмун даври аввал дар қисмҳои ҳарбӣ байни афсарони калон, афсарони хурд ва сержантону сарбозон баргузор карда шуда, беҳтаринҳо барои иштирок дар даври ниҳоии озмун интихоб ва пешниҳод карда шуданд.

Даври ниҳоии озмун дар заминаи қисми ҳарбии 051064 гузаронида шуд, ки он низ се давррро дар бар мегирифт. Аз ҷумла, озмун дар байни афсарони калон, афсарони хурд ва сарбозону сержантон дар алоҳидагӣ сурат гирифт ва иштирокчиён аз қисмҳои ҳарбӣ ва раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ як нафарӣ ширкат намуданд.

Даври аввали озмун тариқи саволнома ба таври хаттӣ сурат гирифт, ки иштирокчиён ҳар кадом саволнома гирифта, омода шуданд. Саволҳо аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои миллӣ ва танзимкунандаи хизмати ҳарбӣ, инчунин оинномаҳои умумиҳарбӣ, гирифта шуданд. Ҳар як иштирокчӣ талош мекард, ки баҳои баланд ва холи бештарро соҳиб гардад.

Даври дуюми озмун тафсири ҳуқуқии моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирифт, ки дар он иштирокчиён як рақам гирифта, аз рӯи он яке аз



моддаҳои Конститутсияро тафсир намуданд. Ин даври озмун низ бо рақобат сурат гирифт.

Даври ниҳоии озмун тариқи саволу ҷавоб анҷом ёфт. Ҳайати ҳакамон ба иштирокчӣ ду саволӣ пешниҳод карда, ҷавоб гирифтанд. Тибқи талаботи шарти озмун дар ҳолати ба савол пурра ҷавоб надодани як нафар иштирокчиёни дигар имконият доштанд, ки саволро пурра карда, холи иловагӣ ба даст оранд.

Дар ҷамъбасти озмун ҳайати ҳакамон доир ба сатҳи баргузории озмун ва иштироки фаъолонаи афсарону сарбозон ибрози андеша карда, ғолибони озмуни «Маърифати ҳуқуқӣ - омили таъмини волоияти қонун»-ро ба тариқи зайл муайян намуданд:

Дар байни афсарони калон: ҷойи аввалро майори гвардия Неъматуллои Холиқ, афсари калон - рӯзноманигори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи Фармондеҳии Гвардияи миллӣ, ҷойи дуюмро подполковники гвардия Абдуллозода Фотеҳ Фатҳулло, муовини командири қисми ҳарбии 051056 оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ва ҷойи сеюмро майори гвардия Қобилзода Аъзам Умар, муовини командири рота оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявии қисми ҳарбии 051059 ишғол намуданд.

Дар байни афсарони хурд, бошад ҷойи аввалро капитани гвардия Бобоҷонзода Шавкат Бобоҷон, муовини командири рота оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ аз қисми ҳарбии 051054, ҷойи дуюмро капитани гвардия Раҷабзода Дилшод Абдурашид, аз шуъбаи қисми ҳарбии 051056 ва ҷойи сеюмро капитани гвардия Сафарзода Фирдавс Нурмаҳмад, афсари шуъбачаи протоколҳои Раёсати корҳои Фармондеҳӣ сазовор гардиданд.

Дар байни сержантону сарбозон бошад, дар ҷойи аввал сарбози қатории гвардия Хоҷаев Файзиддин Нуриддинович, радиотелеграфчӣ аз қисми ҳарбии 051058, дар ҷойи дуюм сарбози қатории гвардия Сафармадзода Муҳиддин Тоҷиддин, тирандоз аз қисми ҳарбии 051054 ва дар ҷойи сеюм сержанти гвардия Қодирзода Абдуқодир Тоҳир, командири отделения аз қисми ҳарбии 051052 лоиқ дониста шуданд.

Бояд зикр намуд, ки ғолибони озмун дар рӯзи таҷлили ҷорабинии тантанавӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» бо тӯҳфаҳо сарфароз гардонида мешаванд

Подполковники гвардия
Фарҳод МУЗАФФАРИЁН,
сардори шуъбача оид ба
корҳои сиёсӣ-тарбиявии
раёсат оид ба корҳои
сиёсӣ-тарбиявӣ



*Ғолиби озмуни мақолаҳо дар мавзӯи «Мавқеи қонун дар ҳаёти инсон»*

# Маърифати ҳуқуқӣ ва афзалиятҳои он



Капитани гвардия
Саидшо АМИРЗОДА,
муовини командири
қисми ҳарбии 051060
оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ

**Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.**

**Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.**

*Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28.12.2023*

Санаи 11 октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмиллалии байнипарламентӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид, ки дар кори конфронси мазкур роҳбарони парламентҳо ва ҳайатҳои парламенти 11 кишвари ҷаҳон иштирок намуданд. Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар суханронии худ иброз намуданд, ки «қабули ин санади олии мамлакат арзишмандтарин дастоварди мардум ва давлати тоҷикон дар марҳилаи нави инкишофи он ба шумор рафта, натиҷаи саъю талошҳои бисёрсолаи ҷомеаи мардумпарвар ва адолатпеша дар масири рушду пешрафт ва муаррифии давлати мо ба оламиён мебошад».

Дар робита ба раванди таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳтарам Рустами Эмомалӣ саҳми беназири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи эъмори давлатдории навини Тоҷикистон ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии он алоҳида таъкид карда, қайд намуданд, ки «Сарвари мамлакат бо хиради воло, иродаи қавӣ, шуҷоату далерии бемисл ва бо қадамҳои қатъии хеш ба ҷанги таҳмилӣ хотима бахшида, давлатро аз нобудшавӣ ва миллатро аз парокандашавӣ наҷот доданд, дар таъмини сулҳу субот, рушди бемайлони соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат саҳми бузург гузоштанд».

Бори нахуст дар таърихи давлатдории тоҷикон 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Ҳамчунин бо дар назардошти дастовардҳои нави ҷомеа ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида шуда, марҳилаи нави такмили сохтори конститутсионӣ оғоз гардид ва он имкон дод, ки 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид шуда, мазмуну муҳтавои низоми ҳуқуқии кишвар такмил ва асосҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии он таҳким ёбад.

Имрӯз таҷрибаи таърихии кишварҳои мутамаддини олам гувоҳ аз онанд, ки давлат танҳо дар сурате рушду инкишоф меёбад ва талаботу манфиатҳои тамоми аҳолии он ҳифз мегардад, ки агар дар он Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда ба таври зарурӣ риоя ва иҷро шуда, волоияти қонун таъмин гардад.

Дар ҷомеаи мутамаддини муосир қонун ҳамчун василаи танзимкунандаи ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа нақш ва мавқеи бебаҳс дорад, зеро инкишофу пешрафти ҷомеа фақат бо роҳи танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст. Бояд тазаккур дод, ки ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бе инкишофи тарбия ва фарҳанги ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Зеро ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд ҷавҳари ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, волоияти қонун ва низоми муайяни ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Бояд тазаккур намуд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва нахустдараҷаи кишварҳое маҳсуб меёбад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифтаанд. Дар нахустин моддаи Конститутсияи кишвар хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Арзишҳои номбурда собит месозанд, ки давлат дар пояи қонун ва ҳуқуқ бунёд ёфта, рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зич дорад. Мақсад аз баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон тарғиби арзишҳои демократӣ, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он мебошад, зеро мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона аст, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ низ эҳтиром гузошта мешавад.

Маърифати баланди ҳуқуқӣ - ин риояи бошууронаи меъёрҳои қонун ва риоя намудани қонунро дар назар дорад. Шахсе, ки дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ бошад бар зидди назари равандҳои ҷамъиятӣ набуда, балки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок менамояд. Ҳар як фарди ҷомеа бояд зарурати риояи бечунучарои қонунро амиқ дарк намояд, риоя ва эҳтироми қонун бояд ба одати ҳар як шаҳрванд табдил ёбад. Сарвари давлат иброз медоранд: «Мамлакате, ки дар он қонунро риоя ва эҳтиром намекунанд, рӯ ба таназзул меорад». Яъне, ҳар қадар дар ҷомеа тартиботи ҳуқуқӣ дуруст риоя шавад, ҳамон андоза ин кишвар ба пешрафт муяссар мегардад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар амал татбиқ мегардад. Ба қавли файласуфи Рими қадим Ситсерон: «Агар хоҳи озод бошӣ, пас ғуломи қонун бош».

Умуман, дар ҷаҳони муосир дониши ҳуқуқӣ на танҳо барои ҳуқуқшиносон, балки барои ҳар як шаҳрванд зарур аст. Донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ ба шахс имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро ҳифз намуда, аз низоъҳо канорагирӣ намояд ва дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ бештар мустақилу озод бошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки ташаккул ва рушди давлати ҳуқуқбунёд бе робитаи устувори шаҳрвандони он дар самти риояи ҳуқуқ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ вуҷуд дошта наметавонад. Зеро дар ин раванд иштироки шаҳрвандон низ хело муҳим аст, ки то чӣ андоза ҳуқуқу уҳдадориҳои худро медонанд ва вазифаҳои худро чӣ тавр иҷро мекунанд.

Аммо, мутаасифона, имрӯзҳо шоҳиди иттилооту ҳодисаҳое низ мегардем, ки баъзе аз шаҳрвандони ҷумҳурии мо бахусус ҷавонони кишвар, ки ояндасози давлату миллатанд, дидаю дониста даст ба ҳуқуқвайронкуниҳо зада, қонуният ва тартиботи ҳуқуқию ҷамъиятиро дағалона вайрон менамоянд, ки яке аз омилҳои асосии нишон додани маърифати пасти ҳуқуқии онҳоро ифода мекунад.

Донистан, эҳтиром ва риояи Конститутсия ва қонунгузории кишвар, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, таҳкими ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи шаҳрвандон бо мақомоти давлатӣ, иштироки шаҳрвандон дар раванди фаъолияти қонунгузорӣ ва дигар равандҳои кишвар вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Вале дар сурати риоя нагардидани қонунгузорӣ ва даст задан ба ҳуқуқвайронкунӣ боиси татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад. Зеро мутобиқ ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки маърифатнокии ҳуқуқӣ дорои як қатор бартариятҳо мебошад, аз ҷумла:

***1. Ҳифзи худ аз ҳуқуқвайронкуниҳо*** - донистани ҳуқуқҳои худ имконият медиҳад, ки шахс худро аз ҳуқуқвайронкуниҳои эҳтимолӣ муҳофизат намояд. Агар шумо ҳуқуқҳои худро донед, на танҳо дар вазъиятҳои гуногуни зиндагӣ дилпурона рафтор мекунед, балки дар сурати рух додани ҳуқуқвайронкунӣ метавонед худро муҳофизат намоед.

***2. Эҳтиром ба шахсият*** - донистани ҳуқуқҳои худ ба шахс кумак мекунад, ки шахсияти худ ва дигаронро эҳтиром кунад, зеро ӯ медонад, ки тибқи қонун чи ҳуқуқҳо дорад. Ин на танҳо ба эҳсоси эътимоди бештар, балки барои муносибати масъулиятнок ба уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои худ мусоидат мекунад.

***3. Коҳиш додани хатари муноқишаҳо*** - донистани ҳуқуқҳои худ ба коҳиш додани хатари муноқишаҳо мусоидат мекунад, зеро агар одамон донанд, ки чӣ ҳуқуқҳо доранд, онҳо метавонанд дар бораи ҳуқуқҳои одамони дигар хулоса бароранд ва дар ҳолатҳои душвор қарорҳои оқилона қабул кунанд.

***4. Фаҳмидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ*** - донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрванд имкон медиҳад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро бештар ва равшантар фаҳмад.

Дар Конститутсия тамоми кафолатҳои асосӣ, озодиҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон, инчунин, принсипҳои умумии идоракунии мамлакат ифода ёфтаанд. Аз ин рӯ, шахс бо донистани Конститутсияи давлати худ метавонад ҳуқуқҳои худро истифода барад ва ҳангоми вайрон кардани онҳо ҳуқуқҳои худро ҳимоя кунад, инчунин, уҳдадориҳои худро, ки қонун муқаррар кардааст, вайрон накунад ва ҳамеша иҷро намояд.

# Мавқеи қонун дар ҳаёти инсон

Моҳи декабри соли 2023 баъди дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Тоҷикистон эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва дар асоси нақшаи чорабиниҳои Гвардияи миллӣ шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа дар якҷоягӣ бо шуъбаи ҳуқуқи раёсати корҳои фармондеҳӣ Низомномаи озмуни мақолаҳо дар мавзӯи «Мавқеи қонун дар ҳаёти инсон»- ро таҳия намуданд. Низомномаи мазкур 17 январи соли 2024 аз тарафи Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода тасдиқ гардид.

Озмуни мазкур таҳти сарпарастии Фармондеҳи Гвардияи миллӣ бо мақсади рушди тафаккури донишҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани мақоми қонун, сатҳи маърифати ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ ва ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, инчунин баҳри дастгириву ҳавасмандгардонии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ғайринизомии гвардия гузаронида шуд.

Дар Низомномаи озмун сардорони раёсату шуъбаҳои алоҳида, командирони қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ ва муовинони онҳо оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ӯҳдадор шуда буданд, ки беҳтарин мақолаҳоро то 30-юми октябри соли 2024 ба нашрияи «Родмардон» пешниҳод намоянд.

Ҳайати ҳакамон таҳти раисии полковники гвардия Муҳмаднаим Собириён, муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ тибқи тартиб ва шартҳои озмун мақолаҳоро мутолиа, таҳлил ва баррасӣ намуданд. Дар асоси баҳогузории ҳайати ҳакамон ҷойи аввал ба мақолаи «Маърифати ҳуқуқӣ ва афзалиятҳои он» сазовор дониста шуд, ки муаллиф капитани гвардия Амирзода Саидшо, муовини командири қисми ҳарбии 051060 оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ мебошад. Барои ҷойи дуюм номзадии чанд нафар пешниҳод гардид. Ҳакамон бо як овоз шеъри «Мавқеи қонун дар ҳаёти инсон» - ро, ки ба қалами подполковники гвардия Ҳамрозода Фурқат мансуб аст, сазовори ҷойи дуюм донистанд. Ҳайати ҳакамон мавзӯву мазмуни баланд ва маҳорату қобилияти муаллифро ба инобат гирифта, дар озмуни мақолаҳо ҷой гирифтани шеърро ҷонибдорӣ намуданд, ки дар байни ҳайати шахсӣ ангуштшумор аст. Ҷойи сеюм ба мақолаи «Мавқеи қонун дар ҳаёти инсон» муаллифаш подполковники гвардия Азиззода Сулаймон, муовини командири қисми ҳарбии 051054 оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ арзанда дониста шуд.

Ҳамчунин мақолаҳои «Тоҷикистон 30-солагии Конститутсияро таҷлил мекунад» муаллиф майори гвардия Расулзода Абдувосит, сардори бойгонии маркази раёсати корҳои фармондеҳӣ, «Доруи зидди хатарҳо» муаллиф подполковники гвардия Сабзазода Ҳасан аз қисми ҳарбии 051055, «Конститутсия шоҳсутуни давлат» муаллиф капитани гвардия Бобозода Раънохон, ёвари командири қисми ҳарбии 051056 оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дорои мазмуну муҳтавои баланд буда, дар нашрияи «Родмардон» ва маҷаллаи «Родмардони Ватан» чоп шудаанд.

Ҳайати фармондеҳӣ ба ғолибон ва иштирокчиёни фаъоли озмун дар ҷодаи эҷод боз ҳам комёбӣ таманно менамояд.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

# Механик-ронандаи беҳтарин



Раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи нақшаи чорабиниҳои раёсат бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ, маҳрифатнокӣ ва муайян намудани маҳорату малакаи касбии садрнишинон (экипажҳо), ва ҳавасмандгардонии онҳо озмуни «Механик-ронандаи беҳтарин»-ро ташкил ва баргузор намуд. Озмуни мазкур бори аввал дар ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ гузаронида шуд.

Марҳилаи якуми озмун байни садрнишинони техникаҳои зиреҳпӯши ҷангӣ, яъне экипажи мошини ҷангии пиёданизом (МҶП), мошини зиреҳпӯши ҷангӣ (МҶЗ-80) ва танк (Т-72), дар заминаи қисми ҳарбии 051055 доир карда шуд. Қабл аз оғози озмун генерал-майори гвардия Қиёмиддин Самарзода, муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ ба ҳайати иштирокдорони озмун комёбӣ таманно намуд. Таъкид дошт, ки муомила бо техника ва риояи чораҳои бехатарӣ асоси комёбӣ ва шарти пирӯзии дастаҳо дониста мешавад.

Санҷиши нахуст аз ҳайати садрнишинон иҷрои меъёри №2, кушода гирифтани қуттиҳои барқӣ аз мошинҳои ҷангӣ ва меъёри №3, гузоштани қуттиҳои барқӣ ба мошин буд, ки ҳайати дастаҳо аз иҷрои ин меъёрҳо бо сарбаландӣ баромада тавонистанд. Шарти дигар дар ин марҳила меъёри №5, савор шудан ба техника ва меъёри №6, фаромадан аз он буд. Ҳайати дастаҳо бо ишораи роҳбалад ин шарти озмунро иҷро карданд. Шарти ниҳоии марҳилаи якуми озмун иҷрои меъёри №16, бо матои махсус (брезентӣ) пӯшондани техникаҳои ҷангӣ буд, ки ин шартро ҳам бе камбудӣ ва дар вақти муқарраргардида иҷро карда тавонистанд. Ҳайати ҳакамон иҷрои ҳар як амал ва ҳаракати иштирокчиёни озмунро ба инобат гирифта, қобилияту маҳорати онҳоро тибқи меъёрҳо ва талабот баҳогузорӣ намуданд. Дар ин марҳила дастаи қисми ҳарбии 051056 ва 051055 аз дигар дастаҳо бартарӣ нишон доданд.

Марҳилаи дуюми озмун иҷрои машқи ронандагӣ аз техникаҳои зиреҳпӯш буд, ки дар машқгоҳи саҳрои Гвардияи миллӣ гузаронида шуд. Дар ин марҳила ҳайати садрнишинон ба таври амалӣ маҳорату малакаи техникии худро нишон доданд. Саворшавӣ ба мошинҳои ҷангӣ, аз ҷой ба ҳаракат даровардани онҳо, гузаштани хати монеаҳо, монеаҳои миннадор, нигоҳ доштани ҳаракати техника дар баландӣ ва нишебӣ, даровардани техника ба таваққуфгоҳ, аз ҷумлаи шартҳои асосии марҳилаи дуюм дониста шуд, ки ҳайати дастаҳо амалӣ иҷро карданд. Натиҷаи дарсу машғулиятҳои пайваста ва омодагии ҳамаҷониба ба озмуни мазкур буд, ки ҳайати дастаҳо дар иҷрои амалҳо, аниқтараш дар рондан ва идора кардани техникаҳои ҷангӣ сазовори баҳои баланд гардиданд.

Аз рӯи ҷамъбасти холҳои умумӣ ҳайати ҳакамон дар ҷои баргузории озмун ғолибонро эълон карданд. Ғолибони ҷойи якум дар байни садрнишинони мошини ҷангии зиреҳпӯш (МҶЗ-80) дастаи қисми ҳарбии 051054, дар байни садрнишинони мошини ҷангии пиёданизом (МҶП) дастаи қисми ҳарбии 051055 ва дар байни садрнишинони танк (Т-72), дастаи қисми ҳарбии 051056 гардиданд.

Дар байни мураббиёни дастаҳо майори гвардия Ҷаннатулло Хайруллозода аз қисми ҳарбии 051056 ҳамчун мураббии фаъол эълон гардид.

Механик-ронандаи беҳтарин дар техникаҳои зиреҳпӯш сарбози каторин гвардия Ғафуров Сино аз баталёни танкии қисми ҳарбии 051055 муайян карда шуд.

Ғолибону иштирокчиёни фаъоли озмун дар рӯзи ҷашни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тӯҳфаҳои арзанда сарфароз мешаванд.

Майори гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ






# Беҳтарин донандаи Оинномаҳо

Бо мақсади омӯзиши ҳамаҷонибаи оинномаҳои умумиҳарбӣ, мукаммал намудани донишҳои ҳарбӣ ва ҳавасманд гардонидани афсарону сарбозон, шуъбачаи хизмати кӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбии Сарситод, ҳамасола озмуни «Беҳтарин донандаи Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар байни ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ баргузор менамояд.

Санаи 25-уми октябри соли равон озмуни навбатӣ дар толори қисми ҳарбии 051055, дар ҳузури ҳайати ҳакамон, ки аз ҳисоби афсарони собиқадори хизмати ҳарбӣ таъсис дода шудааст, баргузор гардид. Даври якуми озмун дар қисмҳои ҳарбӣ гузаронида шуд ва роҳбарияти қисмҳои ҳарбӣ беҳтарин афсарону сержантонро барои иштирок ба муаррифии қисми ҳарбии худ ба даври баъдӣ фиристоданд.

Даври дуюм ва сеюми озмун тариқи ҷавоб додан ба саволномаҳо сурат гирифт. Албатта, ин тартиб, яъне риояи вақт, дурустӣ, пайдарпайии ҷавобҳо аз иштирокчиён маҳорат, дониш, зиракиву ҳозирҷавобиро талаб мекард. Саволҳо бештар фаъолияти ҳамарӯзаи хизмати ҳарбиро дар бар гирифта, барои ҳозирин ва идома додани хизмат як навъ санҷиши маҳорату малака ва то андозае донистани вазифаву уҳдадориҳо буд.

Ҳайати дастаҳо и қисмҳои ҳарбӣ аз афсарону сержантон ва сарбозон иборат буда, ҳар кадом барои ғолиб омадан саъю кӯшиш мекарданд. Дар рафти озмун ва ҷавоб додан ба саволҳо дар баробари афсарон сержантон ҳам хеле фаъолона иштирок карданд. Сержантон аз қисми ҳарбии 051062 ва қисми ҳарбии 051055 ба озмун бо тайёрии хуб ҳозир шуданд.

Дар толори баргузории озмун як гурӯҳ сарбозони навдаъват иштирок доштанд ва аз раванди озмун дар бораи тартиби хизмат маълумоти бештар гирифтанд. Албатта, онҳо ҳам дар оянда иштирокчиёни фаъоли озмуну мусобиқаҳо хоҳанд шуд. Ҳамин тариқ, даври дуюми озмун ҷамъбаст шуд. Ду дастаи беҳтарин, ки нисбатан холҳои зиёдро сазовор шуданд, ба даври ниҳоии озмун роҳ ёфтанд.

Қабл аз даври ниҳоии озмун роҳбарони дастаҳои қисмҳои ҳарбӣ дар нуқтаҳои муайяншуда, яъне шаҳрчаи тайёрии қаровулӣ, нуқтаи назорати гузаргоҳӣ, минтақаи дастурдиҳии наряди шабонарӯзӣ, тартиби пешбарии навбатдории рота ва дигар минтақаҳои пешбарии хизмати шабонарӯзӣ амалҳоро тибқи талаботи оинномаҳо дар ҳузури ҳайати ҳакамон ба таври намоишӣ иҷро карданд.

Дар даври ниҳоии озмун дастаи қисмҳои ҳарбии 051055 ва 051063 дар ҷавоби саволномаҳо барои гирифтани холҳои иловагӣ хеле кувваозмой намуданд. Дар ниҳоят, ҳайати ҳакамон ба дастаи қисми ҳарбии 051063, ки холи бештар ба даст овард, ҷойи якумро муносиб дониста, онҳоро бо телевизор сарфароз намуданд. Дастаи қисми ҳарбии 051055 сазовори ҷойи дуюм ва гармкунаки барқӣ гардид. Дастаи қисми ҳарбии 051064 бошад сазовори ҷойи сеюм гардида, соҳиби обҷӯшонаки барқӣ ва маҷмӯи чойнику пиёла шуд.



Ҳайати ҳакамон барои ҳозирҷавобӣ ва бештар посух гуфтан ба саволҳо капитани гвардия Назарзода Бахтуллоро, аз қисми ҳарбии 051059 "Беҳтарин донандаи Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳ"муаррифӣ ва бо соати ҷашнӣ аз номи Фармондеҳи Гвардияи миллӣ, сарфароз намуданд



Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саодат Сатторова- хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха